**Тасдиқ мекунам:**
**Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.**

**"___" _______ соли 2019**

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**
**ба рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович " Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ ", ки барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-028-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик иешниҳод шудааст.**

Яке аз самтҳои адабиётшиносии имрӯзи тоҷик омӯзиш ва пажӯҳиши ҷойгоҳи шахсиятҳои адабӣ ва муайян кардани мақоми адибон дар рушду таҳаввули адабиёти муосири тоҷик мебошад. Хоса, дар мавриди саҳм ва нақши шоирони насли нававари солҳои 60-70-уми асри гузашта дар рушду нумӯи шеъри муосири тоҷик ба таври ҷудогона ва дар маҷмӯи куллии гузориши масъалаҳои инкишофи адабиёт теъдоди зиёди китобу рисола ва мақолаву тақризҳо ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ (1941-2000) дар таълифоти илмии адабиётшиносони варзидаи тоҷик Муҳаммадҷони Шакурӣ, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Юсуф Акбарзода, Валӣ Самад, Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Аскар Ҳаким, Худойназар Асозода, Сафар Абдулло, Абдувалӣ Давронов, Рустами Ваҳҳоб, Матлубаи Мирзоюнус, Муҳаммадалии Аҷамӣ, суханшиносони нисбатан ҷавон В. Элбоев, М. Нарзиқул ва дигарон бозгӯ шудаанд. Ба миён омадани чанде аз рисолаҳои номзадӣ роҷеъ ба ҷойгоҳи шоир аз ҷониби муҳаққиқон Р. Муталлибов, Н. Ҳаётов, Б. Раҷабов низ дар шинохти паҳлӯҳои мухталифи шеъри шоир арзишманд буда, мақоми ӯро дар рушду таҳаввули шеъри тоҷик намоён мекунанд. Иқдоми Шоири халқии

Тоҷикистон Гулназар дар дарки сирри эҷодии Лоиқ низ ҷанбаи хоси таҳқиқ дошта, китоби «Лоиқе чун Лоиқе»-и ӯ беҳтарин намунаи нақди нависандагӣ бар ашъори шоир маҳсуб мешавад. Дар муайян кардани махсусияти эҷодӣ ва шинохти падидаи Лоиқ Шералӣ ҳамчун суханвар ва ҷомеашинос силсилаи асарҳои илмиву публитсистии муаррихон ва сиёсатшиносони варзида У. Ғаффоров, К. Абдулов, Б. Каримов ва дигарон низ аҳамият доранд.

Диссертатсияи Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" (Душанбе, 2018.–176 с.), ки барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-028-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯи ихтисоси «10.01.01 – Адабиёти тоҷик» пешниҳод гардидааст, дар ин силсила мақоми назаррас дошта, дар маҷмӯъ ба масъалаҳои шинохти зиндагии эҷодӣ ва ҳунарии ашъори шоир бахшида шудааст.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур аҳамияти хоси илмиву назарӣ дошта, ҳадафи аслии он муайян кардани фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи Лоиқ Шералӣ дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мебошад ва муаллиф дар наздаш ҷиддан вазифа гузоштааст, ки бо бозгӯйи саҳифаҳои тозаи ҳаёти адабии солҳои 60-уми садаи XX ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир саҳми номбурдаро дар ташаккул ва таҳаввули шеъри муосир ва рушди анвои адабӣ таҳқиқ намояд. Аз ин нуқтаи назар, диссертатсия дар шинохти хусусиятҳои эҷодӣ, мӯҳтавову мундариҷа, вежагиҳои адабӣ ва арзишҳои ҳунари шоирии суханвари маъруфи нимаи дувуми садаи XX Лоиқ Шералӣ, ҳамзамон навҷӯиҳои ӯ дар анвои шеърӣ давтоварди назаррасест.

Диссертатсия аз муқаддима (с. 3-11), се боб – боби аввал "Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» (с. 12-38), боби дувум "Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ" (с. 39-118), боби севум "Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои

шеърӣ” (с. 119-154), хулоса (с. 155-158) ва китобнома (с. 159-176) иборат аст.

Як ҷиҳати хос ва муҳими таҳқиқи мавзӯъ дарки тағйироти сифатӣ дар шеъри муосири тоҷик мебошад. Дигаргуниҳои иҷтимоиву фарҳангии солҳои 60-70-ум ва батадриҷ нимаи дувуми солҳои 80-ум ва даҳаи 90-уми асри ХХ ба ҷараёни адабиёт ва такомули андешаҳои адабии насли нави шоирон таконбахш буданд. Аз ин ҷиҳат, адабиёти сифатан нави давраро дастхуши раҳовардҳои сохторию сифатӣ метавон ба шумор овард. Ҳамин дарки қонунманди тагйири ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии кишвар, таҳаввули адабиёт дар партави дигаргуниҳои замони нав ва афзоиши сифатии он муаллифро водор кардааст, ки ба саҳму нақши хидмати як нафар чеҳраи дурахшони сухан ва суханварӣ дар маҷмӯи сайри таҳаввули шеъри муосири тоҷикии нимаи дувуми асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1 бипардозад.

Дар боби аввал – “Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ” заминаҳои фарогирии мавзӯии ашъори Лоиқ ва сатҳи худогоҳии таърихиву адабии ӯ дар шеър бозгӯ шудааст. Муаллиф кӯшиш менамояд, ки рушди роҳи эҷодӣ ва таҳаввули афкори адабии шоир дар иртибот бо ниёзҳои замон ба миён гузорад. Дар ин фасл ҷараёни фаъолияти эҷодии давраи аввали Лоиқ Шералӣ дар робита ба рӯйдодҳои иҷтимоиву фарҳангии замон хеле равшан таъкид шудааст. Ҳарчанд бархе аз андешаҳои муаллиф дар ин боб баҳсангез ба назар мерасанд, муаллиф кӯшида, ки моҳияти эҷодии шоирро ба таври хос намоён кунад.

Муаллиф ҳамзамон муътақид аст, ки дар ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи шеъри тоҷикӣ “ифшои рози дили инсон” нақши мусбат дошта ва Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон дар вусъати он назаррас будааст (с. 16).

Дар ин боб баробари ин нуктаи муҳим сухан аз дигаргуниҳои сохтории охири солҳои 50-уми садаи ХХ ва “нармиш дар сиёсати давлатӣ”, моҳияти воқеият ва ниёзҳои иҷтимоиву фарҳангии солҳои 60-

70-уми асри XX рафта, Лоиқ Шерали̅ ба унвони яке аз муқовиматгарони сохтори мафкуравии замона нишон дода шудааст.

Андешаи муаллиф дар тарзи нигориш, усули дарки воқеият, андеша дар сари ҳаводиси зиндагӣ ва боварҳои шоир дар боби мазкур имкон фароҳам овардааст, ки мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Лоиқ бар мабнои воқеияти солҳои 60-уми садаи XX ва баъди он, алоқаи таҷрибаи бадеии шоир бо тамоюлҳои идеологӣ ва адабию зебошинохтии давра, саҳми шоир дар ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик ва жанрҳои шеъри имрӯз ва, дар маҷмӯъ, ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик ба таври зарурӣ баррасӣ шаванд.

Муаллиф оид ба вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ Шералӣ маълумот дода, ба ҳодисаҳое руҷӯъ мекунад, ки дар ташаккул ва рушди шахсияти шоир, фардияти ҳунарӣ ва аносири таъсирпазирии ӯ аз омӯзиши амиқи осори классикон муҳим буданд. Инҳо аз хусусиятҳои фарқкунандаи ашъори шоир аз шеъри шоирони дигари ҳамзамонаш ба шумор мераванд. Диссертант дар мавриди таҳлили замони зиндагии шоир ақидаҳои ҷолибе баён месозад, ки дар маҷмӯъ ба олами тафаккур ва эҷоди адабии шоир таъсири бузург кардаанд. Ӯ таназзули адабиёти асилро дар қарорҳои ҳизби коммунист ва давлати шӯравӣ дар соҳаи адабиёт, театр, кино ва санъати мусиқӣ мебинад, ки аз назари ӯ вазъияти номусоидеро дар кори эҷоди адабӣ ба вуҷуд оварда буданд (аммо хеле беҳтар мебуд дар чунин натиҷагирӣ диққати муаллиф ба анбӯҳи зиёди маводи баҳсу мунозираҳои ин давра равона гардад). Ба андешаи дисертант “чунин сиёсат омили асосии таназзули адабиёти асил гардида буд. Осори адибони ҳақгӯву навовар на фақат чоп намешуд, балки худи онҳо ҳадафи таҳқиру таъқиб қарор мегирифтанд”. Ба андешаи диссертант ба майдони адабиёт омадани Лоиқ Шералӣ дар чунин муҳит бо чопи аввалин шеъраш зери унвони «Ном» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар шаклгирии шахсияти шоир нақши муҳим бозидааст.

Дар ҳамин боб диссертант бо таҳқиқи давраи аввали эҷодиёти Лоиқ оид ба заминаҳои таҳаввули тафаккури шоирона ва хусусиятҳои хоси низоми образҳои шеърии ӯ изҳори назар кардааст. Муаллиф афкорашро дар заминаи санадҳо ва намунаҳои осори шоир аз китобҳои аввалини шоир баён месозад. Ӯ таъкид мекунад, ки "нахустин шеърҳои Лоиқ махсусияти фардии эҷодӣ ва пайванди ҷаҳони маънавиашро бо ҳадафҳои воқеии инсон ва замон инъикос мекунанд. Он чӣ ки ӯ дар шеърҳои аввалинаш тасвир кардааст, ифодагари боварҳо ва ормонҳои созандаи ӯянд."

Гузашта аз ин дар диссертатсия аз хусусиятҳои мутафовити ашъори шоир бо шеъри шоирони ҳамзамонони Лоиқ Шералӣ сухан меравад, ки ҷавҳари онро таҳқиқи амиқи моҳияти масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ ва ифшои ҳолатҳои равониву ахлоқии инсон ташкил менамояд. Хулосаи диссертант дар боби аввал оид ба ҳомили авотифи шахсӣ будани шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир қобили қабул мебошад.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ» ном дорад ва аз се фасл иборат аст, диссертант бештар ба ҷанбаи ҳунарии шоир эътибор додааст. Аз ҷумла, дар фасли аввал, ки «Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ» номида шудааст, оид ба интихоби мавзӯъ аз ҷониби Лоиқ сухан меравад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки Лоиқ аз аввалин қадамҳояш ҳанӯз аз иншои шеъри «Ном» нигариши хос ва фардияти ҷудогона худро нисбати мавзӯъ ифода намуда буд. Ба иборати дигар мавзӯъ, андеша ва натиҷагирии ахлоқӣ дар шеъри «Ном» ҷузъе аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯҳии шоир мебошад. Гузашта аз ин, ба фикри диссертант мавзӯи шеър чеҳраи шоирии Лоиқро мушаххас месозад. Дар диссертатсия паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯъ таҳлилу арзёбӣ шудаанд ва, махсусан, тамоюли фикрӣ ва ҳунарии Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳои ишқӣ мушаххас гардидааст.

Фасли дувуми боби дувуми рисола «Лоиқ ва ҳувияти миллӣ» ном дорад ва дар он асосан масъалаҳои инъикоси худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти шоир таҳқиқ шудааст. Диссертант дар ин

маврид силсилаи зиёди шеърҳои шоирро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои саҳеҳи илмӣ баён месозад. Дар диссертатсия баробари рушди ҷаҳонбинӣ ва андешаи шоир оид ба худшиносии миллӣ перомуни пешрафти ҳунарии шеъри шоир низ сухан рафтааст. Дар ин маврид намунаҳои ашъори шоир дар ҳамаи давраи эҷодиёташ таҳлил шудаанд. Диссертант сababи комёбиҳои шеъри шоирро дар ин самт, аввалан, аз заминаҳои меҳварии зеҳнӣ кор гирифтани шоир, сониян, ҳадафи ғоявии марбут ба худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ иборат медонад. Дар идома оид ба маҳбубияти хос пайдо кардани шеърҳои Лоиқ Шералӣ, аз ҷумла «Таърих гувоҳ аст…», «Оли Сомон», «Айнӣ», «Сипоснома», «Аҳмади Дониш», «Гӯри Дониш дар куҷост», «Шоир», «Баъд аз ҳазор сол», «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе», «Асли Сино», «Барои устод Боқӣ», «Барои Маҳмуди Воҳид», «Панҷаҳои Борбад», «Вопасин нафаси Хайём», силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» ва ғайра изҳори назар менамояд ва дар заминаи тасвири бадеии рукну намодҳои ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон, аз ҷумла забон ва ҳувияти фарҳангӣ хусусиятҳои хоси фардияти эҷодии шоирро нишон медиҳад.

Фасли севуми боби дувуми диссертатсия «Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ Шералӣ» ном дорад ва ба таҳқиқи фардияти эҷодии шоир дар заминаи ашъори ба табиат бахшидаи ӯ ихтисос ёфтааст. Чӣ навъе ки муаллиф дуруст қайд менамояд, "Лоиқ аз зумраи шоироне буд, ки дар садаи бист тавонист ба василаи ин навъи шеър нуҳуфтагиҳои даруни инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад ва дар ин равиш тасвирҳои муассири бадеӣ ба ёдгор гузорад".

Хусусияти асосии ин қабил ашъори Лоиқ Шералиро ҷанбаи офоқӣ (объективият) ва дарунгароии онҳо муайян мекунад, ки ин фазилати хоси тафаккури лирикии шоир аст. Дар ин маврид бо мисолҳои мушаххас муаллиф муқаррар мекунад, ки шеъри Лоиқ Шералӣ ҷанбаи хоси табиӣ дошта, на танҳо ҳини васфи муҷарради табиат, балки дар заминаҳои дигар низ таваҷҷуҳи ӯ ба табиат имтиёз дорад. Ҳамин имтиёз шеъри ӯро

аз дигарон тафовут медиҳад, ки дар таъйиди хусусияти хоси ҳунари шоирии ӯ муҳим аст.

Боби севуми диссертатсия «Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст ва ба мавзӯи шеъри нав ва чаҳорпора дар осори шоир бахшида шудааст. Дар фасли аввал «Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ» оид ба ду шакли шеъри нав – нимоӣ ва шеъри озод, ки дар ашъори шоир 215 ададанд, сухан рафтааст. Диссертант нахуст дар бораи хусусиятҳои ин навъи шеър маълумот дода, баъди омӯзиш ба хулосае меояд, ки дар эҷодиёти шоир шакли нимоӣ ё худ шеъри арӯзи озод нуфуз дорад. Тадқиқ нишон дод, ки дар ин гуна ашъори шоир мавзӯъ, муҳтаво ва шакли он таносуби тамом доранд ва онҳо дарунмоя ва хусусиятҳои балоғии чунин шеърҳоро шакл медиҳанд, ки аз вежагиҳои тарзи нигориши Лоиқ маҳсуб мешаванд. Муаллиф дар ин самт шеърҳои «Хоки Ватан», «Суруде хоҳаму шеъре», «Ман намемирам», «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «Боз як рӯзам гузашт», «Моҳии тилло», «Ғазали боғбони пир», «Мадҳияи аҷал»-ро, ки дар шакли нимоӣ эҷод шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар фасли дувуми боби севум, ки «Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир» ном дорад, оид ба шакли шеърии чаҳорпора ё дубайтии пайваста, ки маҳсули давраи нави адабиёти тоҷик аст ва дар ашъори Лоиқ ҷойгоҳи хос дорад, сухан рафтааст. Муаллиф дар мисоли «Ном» ва «Зарафшон» хулосаашро оид ба хусусиятҳои ин навъи шеър дар осори Лоиқ Шералӣ баён кардааст. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки “қаҳрамони лирикии чаҳорпора ифодагари дидгоҳи тозаи ҷаҳоншиносии шоир ва таҷассумгари идроки бадеии ӯст. Чаҳорпора дидгоҳи нав ва мудерни шоирро таҷассум кардааст”.

Дисертант дар қисмати хулоса натиҷаҳои таҳқиқро ба таври фишурда баён кардааст. Аз ҷумла, ӯ мақоми Лоиқ Шералиро дар таърихи шеъри муосири тоҷик тавассути тозаҷӯиҳояш дар шаклу мундариҷаи шеър хоса ва ашъорашро ифодагари фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва мавқеи ҳунарии ӯ дар ҷараёни адабӣ ба шумор меоварад. Аз назари диссертант,

дар баробари номусоидии муҳит Лоиқ Шералӣ тавонистааст дар шеър ҳувияти миллӣ ва эҳтиром ба таъриху фарҳанги миллиро ривоҷ бахшад ва дар ин самт хидмати бузургеро адо намояд. Ба воситаи осори Лоиқ Шералӣ ҳувиятшиносии миллӣ дар адабиёт эҳё гардид. Лоиқ Шералӣ тавонист бо интихоби мавзӯъ, мӯҳтавои тасвир ва фарорафти маънӣ дар шеър консепсияи хоси тасвири отифӣ ва иҷтимоиву ахлоқиро рӯйи кор оварад. Диссертант ба чунин хулосаи дурусти илмӣ расида, ки ҷусторҳои Лоиқ Шералӣ дар шаклҳои суннатӣ ва муосир тарзи хоси идроки бадеӣ ва фардияти эҷодии ӯро таҷассум месозад, ки ин ҷиҳати хоси ҳунари ӯст.

Ҳамин тавр, дар рисолаи дисертант Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" бори аввал ба таври ҷудогона масъалаи бозёфтҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти кори эҷодии ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми солҳои шаст ва баъди он мавриди таҳқиқ ва арзёбии хос қарор гирфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки дар заминаи фардияти эҷодии шоир Лоиқ Шералиро дар ҷараёни адабӣ ҳамчун адиби ҷӯянда, суннатгаро ва навовар муайян намояд. Хулосаҳои ӯ низ аз омодагӣ ба таълифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳад. Дар поёни кор номгӯи феҳрасти адабиёт ҷой дода шудааст, ки 209 номгӯйро дар бар мегирад ва ифодагари мазмуну мӯҳтавои диссертатсия мебошад.

Кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо назардошти дастоварди хуби адабиётшиносии имрӯз будани рисолаи номзадии мазкур ба чанде аз нуктаҳои марбут ба мукаммал кардани он дар заминаи шеъри нимаи дувуми садаи XX, махсусияти эҷодӣ ва ҳунарии шоирии Лоиқ Шералӣ ишора мекунад, ки ба назар гирифтани он диссертантро минбаъд ба хулосаҳои амиқу расое раҳнамун менамояд:

1. Дар чанд маврид зикри бархе аз рӯйдодҳои нимаи дувуми садаи XX ва ҳаллу фасли муаммоҳои таърихиву назарии адабиёти тоҷикии ин давра бидуни огаҳӣ аз мӯҳтавои баҳсу мунозираҳои муҳаққиқон сурат гирифтааст. Аз ин нуқтаи назар чунин мулоҳизаи диссертант қобили

тавзеҳ аст: “Таъкид мекунем, ки охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст дар ҳаёти маънавии Тоҷикистон дигаргуниҳои чашмрасе ба вуқӯъ пайваст” (с. 17). Ба назари мо, ҳаллу фасли ин муаммо аз ҷониби чанде аз муҳаққиқони адабиёти ин давра, аз ҷумла М. Шакурӣ, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, М. Мирзоюнус ва дигарон аз лиҳози таърихиву назарӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл шудааст.

2. Дар муқаддима диссертант аз муҳим будани ҳаллу фасли масъалаи “даврабандӣ ё нақди даврони масири эҷодӣ ва камолоти шеъри Лоиқ” дарак медиҳад ва ҳарчанд дар сар то сари диссертатсия ба махсусияти даврони мухталифи эҷодии адабии шоир иттилоъ ва тавзеҳи хос фароҳам оварда, аммо чунин даврабандӣ ба таври зарурӣ мушаххас нашудааст.

3. Баъзе бахшҳои рисола ба таваҷҷӯҳ ва таҳлили матолиби бештари эҷодиёти шоир ниёз дорад. Махсусан, дар бахши “Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ” бархе аз нишонаҳои кандагии фикр, норасоии мавод, натиҷаҳои тавзеҳангез, таҳлили норасои бархе аз шеърҳои шоир, аз ҷумла “Кӯҳистон” (с. 21-22) эҳсос мешавад. Комил мебуд агар дар ин бахш заминаҳои таҳаввули афкори иҷтимоии Лоиқ Шералӣ мавриди таҳлили бештар қарор гиранд.

4. Дар ҷо-ҷои диссертатсия баробари комёбӣ дар баёни андешаҳои амиқи мустанад ва мушаххас афкор ва хулосаҳои то ҷое номукаммал ва нисбатан умумиву такрорӣ низ ба назар мерасанд.

5. Дар қисмати адабиёт иловаи бархе аз тадқиқоти муҳими олимону донишмандони шеъри муосири тоҷик дар бораи Лоиқ Шералӣ зарур аст.

Аммо, ин нукот ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши назариву амалии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертант ба муҳокимаи густурда ва радду бадали муфассали ҷойгоҳи Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик имкон ёфта, ки рисолаи муҳим дар адабиётшиносии тоҷик таълиф намояд. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашршуда бо мундариҷаи он комилан мувофиқанд. Мавзӯъ бо нақшаи таҳқиқ робитаи ногусастанӣ дошта, диссертант имкон ёфтааст, ки ба як қатор дастовардҳои муҳим ноил

шавад. Пешниҳодҳои номбурда дар робита ба ҳаллу фасли мавзӯъ қобили таваҷҷуҳанд.

Натиҷа ва дастовардҳои тадқиқоти мазкур зимни муқаррар кардани муҳимтарин масоили таърихи адабиёти нимаи дувуми садаи бист муфиданд.

Диссертатсияи Раҳимов Холмаҳмад Баротович «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» кори анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филолгӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар таърихи «21» январи соли 2019 муҳокима ва баррасӣ шуда, шахси довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷаласаи муҳокимаи диссертатсия иштирок ва суханронӣ намуд.

Иштирок доштанд: 12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 12 нафар, зид-0, бетараф -0

**Раиси ҷаласа,**
**номзади илмҳои филология, дотсент** **Аъзамов Субҳонҷон**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илмҳои филология, дотсент** **Саидов Саидумрон**

**Эксперт,**
**доктори илмҳои филология, профессор** **Матлубаи Мирзоюнус**

**Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1**
**тел: (83422) 6.75-18**
**e-mail: rector@hgu.tj**

**Имзоҳои Аъзамов Субҳонҷон, Саидов Саидумрон**
**ва Матлубаи Мирзоюнусро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров** **Ашрапова З.**